# МУКОЛАМА БАРОИ РУШД

Инак, нахустин нашрияи иттилоотии нави электронии Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таҳти унвони «Муколама барои рушд» нашр мегардад.

Маводҳои нашрия масъалаҳои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, раванд ва натиҷаҳои ислоҳотро дар фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ тавассути муколамаи давлат ва бахши хусусӣ фаро мегирад.

Хусусияти фарққунандаи нашрияи мазкур аз дигар нашрияҳои Шуро дар он аст, ки тамоми маводҳои нашршаванда, чорабиниҳои баргузоргардида ба як масъала ва ё ислоҳот бахшида шуда, хонандаро аз раванди он шинос менамояд.

Изҳори итимнон карда мешавад, ки хонандаи гиромӣ дар ин нашрия бо масъалаҳои барояш ҷолиб шиносоӣ пайдо хоҳад кард.

**Мавзуҳои ин нашр:**

- **Мулоқоти Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорони водии Ҳисор**
- **Мулоқоти Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорони вилояти Хатлон**
- **Мулоқоти Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорони вилояти Суғд**

## Мулоқоти Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорони водии Ҳисор



Санаи 13 феврали соли 2016 дар шаҳри Турсунзода мулоқоти Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Давлаталӣ Саид бо соҳибкорони шаҳрҳои Ҳисору Турсунзода ва ноҳияҳои Шаҳринаву Рудакӣ доир гардид.

Дар мулоқот Муовини якуми Сарвазири мамлакат оид ба сиёсати созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат ибрози назар намуда, аз ҷумла қайд кард, ки дар натиҷаи ислоҳоти гузаронидашуда фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ сол аз сол рушд ёфта, мулоқоти навбатӣ бо соҳибкорони бонангу номуси шаҳрҳои Ҳисору Турсунзода ва ноҳияҳои Шаҳринаву Рудакӣ низ дар партави



дастуру супоришҳои Сарвари давлат сурат мегирад.

Тавре қайд гардид, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, таҳкими бахши хусусӣ тавассути фароҳам овардани шароити мусоиди тиҷорат, таҳия ва татбиқи самараноки барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди муколама ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ пайваста тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд.



Маҷмуи тадбирҳои андешидашуда барои мунтазам зиёд шудани саҳми соҳибкорон дар иқтисодиёти мамлакат мусоидат намуда, аз ҷумла дар соли 2015 ба бахши хусусӣ 78 фоизи пардохтҳои андозро ба буҷети давлатӣ, 65 фоизи Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ рост омада, 63,8 фоизи аҳолии фаъоли иқтисодиро бахши хусусӣ бо ҷои кор таъмин намуд.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2015 дар миқёси ҷумҳурӣ **275 653 адад** субъекти соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2014, **32 380 адад** ва/ё **11,7 фоиз**зиёд мебошад.

Аз ин шумора 7 444 ба шаҳри Ҳисор, 1 854 ба ноҳияи Шаҳринав, 6 637 ба шаҳри Турсунзода ва 9 011 адад ба ноҳияи Рудакӣ рост меояд.

Бо мақсади дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳӣ ба маблағи 11 млрд. 216 млн. сомонӣ қарз ҷудо карда шудааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2014-ум 12,3 фоиз зиёд мебошад.

Аз ин ҳисоб, ба шаҳри Ҳисор 399 млн. 870 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Шаҳринав 67 млн. 385 ҳазор сомонӣ, шаҳри Турсунзода 152 млн. 263 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Рудакӣ 200 млн. 925 ҳазор сомонӣ қарз ҷудо карда шудааст.



Ба Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар соли 2015 аз ҳисоби буҷети давлатӣ 70,0 млн сомонӣ ҷудо гардида, ба 21 субъекти соҳибкорӣ дар ҳаҷми 36,2 млн. сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шуданд ва соли ҷорӣ дар ин самт 120 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин ҷиҳати ҷалби маблағҳои иловагӣ ба Фонд, бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ҳамкориҳо ба роҳ монда шудааст.

Аз маҷмуи лоиҳаҳои Фонд, 6 лоиҳа ба маблағи 7 млн. 80 ҳазор сомонӣ ба шаҳри Ҳисор, 1 лоиҳа ба маблағи 600 ҳазор сомонӣ ба ноҳияи Шаҳринав, 6 лоиҳа ба маблағи 2 млн. 800 ҳазор сомонӣ ба шаҳри Турсунзода ва 2 лоиҳа ба маблағи 1 млн. 60 ҳазор сомонӣ ба ноҳияи Рудакӣ рост меояд.

Дар баромади худ мухтарам Давлаталӣ Саид оид ба саҳми назарраси соҳибкорон дар корҳои ободонӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани

сатҳи некуаҳволии мардуми ҷумҳурӣ ва дар ин робита бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани 14 октябр ҳамчун Рӯзи соҳибкор, баргузории мунтазами мулоқоти Президенти мамлакат бо соҳибкорону сармоягузорон ибрози назар намуд.

Изҳори итминон карда шуд, ки дар давраи бухронӣ намояндагони бахши хусусӣ, соҳибкорони бонангу номуси Ватанамон дастгириҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакатро сидқан дарк намуда, барои рушди истеҳсолоти ватанӣ, истеҳсоли ҳарчӣ бештари маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти рақобатпазир донишу малака ва имкониятҳои худро дареғ нахоҳанд дошт.



Дар рафти мулоқот соҳибкорони водӣ фикру андешаҳои худро баён намуда, ҳамчунин Муовини якуми Сарвазири мамлакат ба суолҳои матраҳнамудаи соҳибкорон посуххои мушаххас доданд.

Дар мулоқот роҳбарияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андози назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, Кумитаи заминсозӣ ва геодезӣ, Агентии "Тоҷикстандарт", Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дигарон иштирок намуданд.

## Мулоқоти Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорони вилояти Хатлон



Санаи 19 феврали соли 2016 Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Давлаталӣ Саид бо соҳибкорони вилояти Хатлон мулоқот анҷом дод.

Дар мулоқот Муовини якуми Сарвазири мамлакат оид ба аҳамияти фаъолияти соҳибкорӣ ва дар меҳвари сиёсати созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон



қарор доштани рушди ин самти барои иқтисодиёти кишвар муҳим ибрози назар намуд. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки бо дарназардошти саҳми назарраси соҳибкорони мамлакат дар корҳои ободонӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми ҷумҳурӣ, бо ташаббуси Сарвари давлат 14 октябр ҳамчун Рӯзи соҳибкорон эълон гардида, баргузории мулоқоти мунтазами Президенти мамлакат бо соҳибкорону сармоягузорон ба ҳукми анъана даромадааст.

Тавре қайд гардид, дар доираи ҳидоятҳои Президенти мамлакат ва тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, таҳкими бахши хусусӣ тавассути фароҳам овардани шароитҳои мусоиди тиҷорат, татбиқи самараноки барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди муколама ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ корҳо мунтазам вусъат ёфта истодаанд.

Бо иқдоми Сарвари давлат, дар доираи сафарҳои корӣ ба хориҷи кишвар бо соҳибкорони ватании муқими ин кишварҳо мунтазам мулоқотҳо баргузор мегардад, ки ба ҳамкориҳои байни соҳибкорону сарамоягузорони ватанию хориҷӣ такони ҷиддӣ бахшида истодааст.

Ҳамзамон, бо мақсади рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ Шурои машваратии назди Президенти мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, шуроҳои вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ фаъолият мекунанд, ки дар доираи онҳо масъалаҳои мубрами рушди соҳибкориву сармоягузорӣ мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор мегиранд.



Қайд карда шуд, ки дар ин раванд, ҷоннок намудани фаъолияти Шурои машваратии вилояти Хатлон барои рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва сари вақт бартараф намудани монеаҳои рушди соҳибкорӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар доираи тадбирҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, Муовини якуми Сарвазир оид ба имтиёзҳои умумии андозӣ, воридоти техникаи таъиноти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии онҳо, ки аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудаанд, корхонаҳои навтаъсисе, ки бо коркарди пурраи нахи пахта ва маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд, хоҷагиҳои паррандапарварӣ, корхонаҳои истеҳсолкунандаи хӯроки омехтаи парранда ва чорво тибқи маблағҳои ба фонди оинномавии онҳо воридгардида, ба мӯҳлати 12 сол аз пардохти андозҳои пешбинишуда озод мебошанд, ибрози назар намуд.

Ҳамзамон, тағйироти зарурӣ ба Кодекси андоз ҷиҳати зиёд намудани маблағи ҳадди ақали гардиши молиявии корхонаҳои тибқи низоми соддакардашудаи андоз фаъолияткунанда аз 500 ҳазор сомонӣ то 1 миллион

сомонӣ, табдил додани андоз аз фурӯши нахи пахта ба боҷи содиротӣ дар назар дошта шудаанд.

Ҳамчунин қайд карда шуд, ки ҷиҳати вусъатбахшӣ ба механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соли 2015 корҳои муайян анҷом ёфта, лоиҳаҳои имконпазир ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкории дар ҷумҳурӣ фаъолияткунанда, 87 244 субъект ба вилояти Хатлон рост меояд, ки нисбат ба соли 2014, 9,6 фоиз зиёд аст.

Дар баромад оид ба масъалаҳои дастгирии молиявии фаъолияти соҳибкорӣ,додани қарзҳо, сармоягузорӣ маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Аз ҷумла қайд шуд, ки бо мақсади дастгирии молиявии субъектҳои



соҳибкорӣ аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 11 млрд. 216 млн. сомонӣ қарз ҷудо карда шудааст, ки ин нишондиҳанда 12,3 фоиз нисбат ба соли 2014-ум зиёд мебошад. Аз ин ҳисоб, ба вилояти Хатлон 1 миллиарду 529 миллиону 762 ҳазор сомонӣ қарз ҷудо карда шудааст.

Ба Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соли 2015 аз ҳисоби Буҷети давлатӣ 70,0 млн сомонӣ ҷудо гашта, ба 21 субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳаҷми 36,2 млн. сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд. Инчунин ҷудо намудани 120 млн. сомонӣ дар соли 2016 ба нақша гирифта шудааст.

Аз лоиҳаҳои дастгиринамудаи Фонд аз оғози фаъолият, 51 лоиҳа ба маблағи 34 миллиону 658 ҳазор сомонӣ ба вилояти Хатлон рост меояд.

Дар даврони Истиқлолият аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ корҳои назаррас ба сомон расонида шуданд.

Имрӯзҳо дар вилояти Хатлон 26 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ шуда истодааст, ки дар доираи онҳо 250 млн. доллари ИМА аз худ карда шудааст.



Воридоти сармоягузории хориҷӣ ба вилояти Хатлон дар солҳои 2010- 2015, 429,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз онҳо 385,7 млн. долл. ИМА сармоягузориҳои мустақим ва 43,3 млн. долл. ИМА-ро қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ташкил медиҳанд.

Дар соли 2015, воридоти сармоягузории хориҷӣ ба вилояти Хатлон 203,5 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 95,1 млн. доллари ИМА зиёд шудааст.

Муовини якуми Сарвазири ҷумҳурӣ муҳтарам Давлаталӣ Саид дар фароварди баромади худ изҳори итминон намуд, ки намояндагони бахши хусусӣ, соҳибкорони бонангу номуси Ватанамон дастгириҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакатро сидқан дарк намуда, барои рушди истеҳсолоти ватанӣ, истеҳсоли ҳарчӣ бештари маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти рақобатпазир саҳми назаррас хоҳанд дошт.

Дар рафти мулоқот соҳибкорони вилоят фикру андешаҳои худро баён намуда, ҳамчунин муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суолҳои матраҳнамудаи соҳибкорон посухҳои мушаххас дод.

Дар мулоқот Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қодири Қосим, Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода, роҳбарияти Котиботи Шурои машваратии назди Президенти мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии Тоҷикстандарт, Хадамоти гумрук ва намояндагони дигар вазорату идораҳо иштирок намуданд.

**Мулоқоти Муовини якуми Сарвазир бо соҳибкорони вилояти Суғд**



Санаи 26 феврали соли 2016 Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Давлаталӣ Саид дар шаҳри Хуҷанд бо соҳибкорони вилояти Суғд мулоқот анҷом дод.Дар мулоқот Муовини якуми Сарвазир оид ба ибтикору дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, таҳкими бахши хусусӣ тавассути фароҳам овардани шароитҳои мусоиди тиҷорат, татбиқи самараноки барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди муколама ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва дар меҳвари сиёсати созандаи



Сарвари давлат қарор доштани рушди ин самти барои иқтисодиёти кишвар муҳим ибрози назар намуд. Дар ин робита қайд карда шуд, ки ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ, таҳкими бахши хусусӣ тавассути фароҳам овардани заминаҳои мусоид, татбиқи самараноки барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ, рушди муколама ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ корҳо мунтазам вусъат ёфта истодаанд.



Дар доираи мусоидат ба рушди соҳибкорӣ, Муовини якуми Сарвазир оид ба як қатор имтиёзҳо ва ҳавасмандкуниҳо барои соҳибкорону сармоягузорон тазаккур дод.

Ҷиҳати вусъатбахшӣ ба механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соли 2015 корҳои муайян анҷом ёфта, лоиҳаҳои имконпазир ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Сипас, Муовини якуми Сарвазир оид ба нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар вилояти Суғд ибрози назар кард.

Тавре қайд шуд, ба ҳолати 31 декабри соли 2015 дар вилояти Суғд 97 621 субъекти соҳибкорӣ фаъолият мекунанд, ки нисбат ба соли 2014, 22,2 фоиз зиёд аст.

Бо мақсади дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздӣ ба маблағи 11 млрд. 216 млн. сомонӣ қарз ҷудо карда шудааст, ки ин нишондиҳанда 12,3 фоиз нисбат ба соли 2014-ум зиёд мебошад.

Аз ин ҳисоб, ба вилояти Суғд 2 миллиарду 721 миллиону 590 ҳазор сомонӣ қарз ҷудо карда шудааст.



Аз лоиҳаҳои дастгиринамудаи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз оғози фаъолият, 17 лоиҳа ба маблағи 13 миллиону 242 ҳазор сомонӣ ба вилояти Суғд рост меояд.

Дар даврони Истиқлолият аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ корҳои назаррас ба сомон расонида шуданд. Имрӯзҳо дар вилояти Суғд 19 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ шуда истодааст, ки дар доираи онҳо 159,14 млн. доллари ИМА азхуд карда шудааст.

Воридоти сармоягузории хориҷӣ ба ҷумҳурӣ дар соли 2015-ум 977,8 миллион доллари ИМА ро ташкил намуда, аз он 470,9 млн. доллари ИМА сармоягузориҳои мустақим ва 506,9 млн. доллари ИМА-ро дигар намуди

сармоягузориҳо ташкил медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки воридоти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2014-ум 93,5 млн. доллари ИМА зиёд шудааст. Аз ин ҳисоб ба вилояти Суғд 147,9 млн доллари ИМА рост меояд.

Муовини якуми Сарвазир, муҳтарам Давлаталӣ Саид дар фароварди баромади худ изҳори итминон намуд, ки намояндагони бахши хусусӣ, соҳибкорони бонангу номуси Ватанамон, бахусус соҳибкорони вилояти Суғд дастгириҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакатро сидқан дарк намуда, барои рушди истеҳсолоти ватанӣ, истеҳсоли ҳарчӣ бештари маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти рақобатпазир саҳми назаррас хоҳанд дошт.

Дар рафти мулоқот соҳибкорони вилоят фикру андешаҳои худро баён намуда, ба суолҳои худ аз ҷониби Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон посухҳои мушаххас гирифтанд.

Дар мулоқот Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қодири Қосим, Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Нусратулло Давлатзода, роҳбарияти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии Тоҷикстандарт, Хадамоти гумрук ва намояндагони дигар вазорату идораҳо иштирок намуданд.

Дар маҷмуъ, дар ҳамаи мулоқотҳо аз ҷониби соҳибкорон масъалаҳои дастрасии васеъ ва захираҳои қарзӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, боз ҳам соддаву осон намудани ҷараёни воридоту содирот ва транзити молу маҳсулот, бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ, маъмурикунонии андоз, осон намудани расмиёти ҷудокунии қитъаи замин барои сохтмони корхонаҳои саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва содироти он, таъмини бемамонияти қувваи барқ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии сифат ва дигар масъалаҳои мубрами рушди соҳибкориву сармоягузорӣ матраҳ карда шуданд.

Доир намудани чунин мулоқоту муколамаҳо дар шаҳри Ваҳдат бо фарогирии шаҳрҳои Ваҳдату Роғун, ноҳияҳои Файзободу Варзоб, водии Рашт бо фарогирии ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Ҷиргатол ва Тавилдара ва Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ба нақша гирифта шудааст.

Бо эҳтиром,
Кормандони Котиботи Шурои
машваратии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар
намудани фазои сармоягузорӣ